**Такриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич дар мавзӯи «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03.- Адабиёти мамолики хориҷӣ(адабиёти форсӣ)**

Мавзӯи диссертатсия дар омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии яке аз намояндагони мактаби Нимо- Меҳдӣ Ахавони Солис саҳифаи тозае мекушояд, зеро диссертант назми шоирони ин мактабро омӯхта, нуктаҳои то ин дам аз назари муҳаққиқон бурунмондаро пайдо кардааст. Диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ҳунари шоирии Солисро бо дидгоҳи тоза дар мавриди шинохти шеъри нимоӣ бо қиёсу муқобала нишон диҳад, тафаккури таҷаддудии ӯро дар мавриди нақди ашъори шуарои гузашта бозгӯ созад.

Рисолаи мазкур аз ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, диссертант аз сарчашмаҳои фаровон истифода намудааст.

Боби аввали рисола «Зиндагӣ ва осори Меҳдӣ Ахавони Солис» ном дошта, мӯҳтавои асосии ин мавзӯъ дар чаҳор фасли он ба таври муфассал таҳқиқ шудааст.

Дар фасли аввали ин боб диссертант сайъ кардааст, ки оид ба шинохти шахсияти шоир, ташаккули андешаҳои ӯ, таъсири ҳаводиси иҷтимоӣ ва нақши онро дар ашъори шоири нимошинос равшан баён намояд.

Дар фасли дуюми боби аввал, ки «Мероси адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» унвон гирифтааст, назари муҳаққиқону пажӯҳишгаронро дар таҷдиди шеъри нимоии Солис баён сохта, муаллифи рисола зикр месозад, ки нашри маҷмӯаи “Зимистон” “нубуғи истеъдод ва шаҳомати шоирӣ ва ҳунарии Солисро то нуқтаи камол расонид ва дурахшонид”

Мӯҳтавои асосии боби аввали рисола дар фасли сеюм ҷой дорад. Дар ин ҷо муаллиф накду баррасии шеъри Солисро аз нигоҳи пажуҳишгарони ватаниву хориҷӣ бо овардани асноди шоҳид зикр месозад.

Дар ин фасл чанде аз ашъори Солис оварда, ҳунари шоирии ӯ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Зикр гардидааст, ки истифодаи вожаҳои гуфтугӯӣ, содагии баён ва забони нақл дар шеъри Солис, рамзгароӣ бо забони хоси хуросонӣ ӯро бо хонандаи имрӯз ошно сохт, ки шеъри нимоӣ бо номи Солис пайванди ногустанӣ дорад. "Солис дар интихобу коргирии калимаҳо хеле дақиқкор аст, вожагон дар шеъри ӯ барои офариши маънӣ ё сохтани маънӣ ба кор намераванд...ҳар як калима, таркиб, мисли як муҷассама, як манзара қобили дид аст"-зикр месозад муаллиф. Дар баробари нишон додани навгароӣ дар шеъри Солис диссертант меорад, ки нақш ва таъсири пешиниён, ишораҳои суннатии ҳамосаву асотир ва сарчашмаи бепоёни фарҳангу адабро шоир ҳунармандона ва хеле барҷо истифода бурдааст. Махсусияти шеъри Солисро муаллиф дар омезиши забони омиёна бо ҷанбаи ривоятии сабки хуросонӣ, таркиб ва тасвирҳои нодир, руҳи яъсу ҳасрат, чун "дарунмояи шеъри ӯ оинаи шебу фарози таърихи сиёсӣ-иҷтимоии Эрон" натиҷагирӣ намудааст.

Боби дуюми рисола«Баррасии андешаҳои илмӣ-назарии Маҳдӣ Ахавони Солис» ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст, ки андешаҳои илмии шоирро фарогир аст.

Фасли аввали боби дуюм «Солис ва нимошиносӣ» унвон шуда, диссертант андешаҳои муҳаққиқро дар таҳқиқи шеъри Нимо Юшиҷ, ки худ пайрави мактаби ӯст, меорад. Дар фасли дуюми боби ду "Солис ва масъалаи ҳимоят аз сабки Нимо Юшиҷ" диссертант мақолаҳои шоирро таҳлил намуда, сипас рисолаҳои Солисро ба риштаи таҳқиқ кашида, баён месозад, ки хидмати дигари Солис дар зинда доштани жанрҳои қадима маҳсуб мегардад, ки ин андеша дар рисолаи "Нақиза ва нақизасозон" дарҷ ёфтааст.

Дар фаслҳои баъдина муаллифи рисола ҷойгоҳи жанри нақизаро аз диди Солис бозгӯ сохта, ба чунин натиҷа мерасад, ки "дар радифи Убайди Зоконӣ, Сӯзании Самарқандӣ дар эҷоди нақиза Яғмо Ҷандақӣ ва аз муосирон Содиқ Ҳидоят, Алиакбари Деҳхудо ва Содиқ Чӯбак ба комёбиҳои чашмгир ноил гардидаанд".

Фасли чорум ва панҷуми боби ду "Солис ва накди шеъри муосири Эрон", "Солис ва шоирон" ном дошта, ӯро чун мунаққиди замони хеш муаррифӣ сохта, ба ақидаи муаллиф арзиши андешаҳои шоир моро бо вазъи умумии "шеъри нав"-и Эрон ошно месозад. Андешаҳои Солис дар мавзӯи гироиши вазни шеър дар осори пешиниён дар мисоли ашъори Низомӣ ва Фирдавсӣ, ки "ба иллати вазни ягона доштан, пойбанди он" мондаанд, аз дидгоҳи навпардозӣ накд намудани шеърро аз назари шоир нишон медиҳад.

Диссертант дар пажӯҳиши мавзӯи рисола тавонистааст ба ҳадафи хеш расад, мавзӯъро муфассал ҳаллу фасл намояд ва фикрҳои ҷолиб пешниҳод кунад. Дар баробари ҳусни таҳқиқот баъзе масоили ҷузъӣ низ таҷдиди назар мехоҳад:

Дар боби аввал оварда шудааст, ки он аз чор фасл иборат аст, аммо номи фасли чорум мушоҳида нагардид.

Дар саҳифаи 10 ва 12 бо такрор омадани фикр.

Ғалатҳои имлоӣ дар саҳифаҳои 3, 4, 5, 8, 10...омадааст.

Аммо камбудиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, унвонҷӯ дар рисолаи худ муваффақ шудааст, ки на танҳо мавзӯю масъалаҳои ба вуҷудоии "шеъри нав", раванди рушду камоли шоири навгаро, таҳаввули "шеъри нав" дар эҷодиёти Солис, шеваҳои ҳунарии истиқбол ва накди ашъори Солис аз тарафи ҳамасрон, ҷойгоҳи ҳамосасароӣ ва ривоятгӯӣ, шеъри иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои ҳунарии он, таъсирпазирӣ аз анъанаҳои адабии форсу тоҷикро ба риштаи таҳқиқ кашад, балки забон ва арзишҳои ҳунарии ашъори ӯро бо мисолҳои мушаххас баррасӣ намояд.

Рисолаи Муродов Ҷӯрабек Курбоналиевич «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» самараи заҳмати тӯлонии муҳаққиқи ҷавон

буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Раҳматова Д.А.**

**"Имзои Раҳматова Д.А. - ро тасдиқ менамоям".**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**